# ХУЛОСАИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №__________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 10 октябри соли 2023, №46**
дар бораи сазовор донистани Болтуева Машҳурахон Ёқубовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санаи 29 июни соли 2023 (суратмаҷлиси №39) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст) қабул карда шуд.

**Довталаби дараҷаи илмӣ:** Болтуева Машҳурахон Ёқубовна 7-уми апрели соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, соли 2012 муассисаи таълимии мазкурро хатм намудааст. Солҳои 2012-2015 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ ва байналхалқии факултети ҳуқуқшиносӣ, аз соли 2016-2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносӣ, аз соли 2019 то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолият мебарад.

**Мавзуи диссертатсия -** «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» бо Қарори Шурои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 26 июни соли 2015, №6 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи

гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (аз санаи 01.04.2022, протоколи №2).

Диссертатсияи унвонҷӯй 24 июни соли 2022, протоколи №7 дар ҷаласаи шурои (семинари) илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима карда шуда, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Абдуҷалилов Абдуҷаббор** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

– **Сидиқов Дилшод Ахрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар маҷмуъ тақризи муассисаи пешбар мусбат мебошад. Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби П.И. Мирзоев – мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (ихтисосаш: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) таҳия гардида, дар маҷлиси кафедра (аз 6 сентябри соли 2023, суратмаҷлиси № 1) ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки рисолаи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна доир ба мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти талаботҳои б. 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ интихоб ва таъин шудаанд. Интихоби онҳо бо он асоснок мебошад, ки онҳо аз

рӯйи ихтисоси зикршуда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмии онҳо ба масъалаҳои ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи маданӣ робита доранд.

Унвонҷӯй муаллифи 14 асарҳои илмӣ мебошад, ки дар онҳо ҷиҳатҳои норавшани масоили ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи маданӣ ҳалли худро пайдо кардаанд. Масалан, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ 5 мақола ба чоп расида, оид ба масъалаҳои баёнгардида 9 мақолаи илмии дигар интишор гардидааст. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти унвонҷӯй зиёда аз 6 ҷузъи чопӣ мебошад.

**Интишороти муҳимми унвонҷӯй аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Болтуева, М.Ё. К вопросу правовой природы категории «компьютерная программа» [Текст] / М.Ё. Болтуева // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2018. – №2 (75). – С. 113–120. ISSN 2411–1945

**[2–М].** Болтуева, М.Ё. Развитие законодательства в сфере компьютерных программ и применение отдельных способов правовой охраны в Республике Таджикистан [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2019. – №4 (32). – С. 177–181. ISSN 2305–0535

**[3–М].** Болтуева, М.Ё. Оид ба масъалаи табиати ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ–муаллифии барномаҳои компютерӣ дар давраи муосир [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2020. – №4. – С. 91–96. ISSN 2305–0535

**[4–М].** Болтуева, М.Ё. К вопросу становления законодательства об охране компьютерных программ [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №1. – С. 110–116. ISSN 2305–0535

**[5–М].** Абдуҷалилов А., Болтуева, М.Ё. Назаре ба масъалаи патентпазирии барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / А. Абдуҷалилов, М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2022. – №2. – С. 127–130. ISSN 2305–0535

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6–М].** Болтуева, М.Ё. Оид ба масъалаи институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи илмию амалии анъанавии устодон

ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони "Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ" (бахши ҳуқуқшиносӣ). – Хуҷанд: Дабир, 2016. – С. 87–95.

**[7–М].** Болтуева, М.Ё. К вопросу становления авторско–правовой охраны компьютерной программы [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ муаррифгари фарҳанги мардумӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2018. – С. 109–112.

**[8–М].** Болтуева, М.Ё. К вопросу формирования понятийного аппарата категории компьютерной программы в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи байналмилалӣ «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия». – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С. 52–56.

**[9–М].** Болтуева, М.Ё. К вопросу авторско–правовой охраны компьтерной программы [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2019–2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони "Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ". – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 227–231.

**[10–М].** Болтуева, М.Ё. Ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи граждании [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ". – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 102–106.

**[11–М].** Болтуева, М.Ё. Мавқеи барномаи компютерӣ дар байни объектони ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2021. – С. 144–150.

**[12–М].** Болтуева, М.Ё. Мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ–ҳуқуқии барномаи компютерӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик. – Хуҷанд, 2022. – С. 95–99.

**[13–М].** Болтуева, М.Ё. Масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ таҳти унвони Методологияи батанзимдарории муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия. – Душанбе, 2022. – С. 52–57.

**[14–М].** Болтуева, М.Ё. Моҳият ва мазмуни ҳуқуқии барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводи

конференсияи илмӣ–амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия», ба ифтихори 35–солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30–солагии ДДҲБСТ. – Хуҷанд: Дабир, 2023. – С. 264–270.

**Ба Шурои диссертатсионии** 6D. КОА - 018 назди ДМТ аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо ба автореферати диссертатсия пешниҳод шудаанд:

1. Диноршоҳ Азиз Мусо – муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;
2. Давлатов Маъруфҷон Нарзиалиевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
3. Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ҳамаи муқарризон дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбат арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон дар баъзе тақризҳо баъзе эродҳо ба назар мерасанд. Эродҳо оид ба пурратар таваҷҷуҳ намудан ба паҳлуҳои гуногуни «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» равона шудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷуйи дараҷаи илмӣ дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

– Рушди технологияи иттилоотӣ, ки барномаҳои компютериро низ дар бар мегирад, имрӯз ба сиёсати афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Тибқи «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2016, № 371 тасдиқ шудааст, таъмини навсозии технологии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирии он дар заминаи технологияҳои пешрафта яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

– Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар қонунгузорӣ дар аввали солҳои 90–уми асри XX пайдо шуда, минбаъд такроран чандбора такмил дода шуданд. Тарҷеияти (Ретроспективаи) муътамад собит менамоянд, ки қонунгузор тамоми муҳиммияти барномаҳои компютериро пурра дарк кардааст, ки он чун натиҷаи фаъолияти зеҳнии бо қонун ҳифзшаванда дар ҳолати байнисарҳадии таҳия ва паҳнкунии барномаҳо қарор дорад ва ба

таври боварибахш васеъ кардани доираи истифодаи онҳо хеле заруру замонавист.

– Таъкидаш бамаврид аст, ки низоми ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои ин соҳа асос ёфта, мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ қабул шудааст. Вале мушкилиҳои зерини ҳуқуқиеро, ки дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ дучор меоянд, ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, муҳокимаҳо дар атрофи истилоҳҳои қабулшуда, кухна ва дуруст, сониян, ба дараҷаи даркорӣ коркард нашудану ҳамоҳанг накардани сохторҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, инчунин мушкилот дар бораи дарки кофӣ ва татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ аз ҷониби мутахассисони дахлдор. Ҳамчун як мушкилии дигар, метавонем баъзе вокуниши "бемавридӣ"–и қонунгузорро оид ба ворид намудани тағйирот бинобар пайдоиши усулҳои нави маъмули истифода дар ҷаҳон, инчунин хунукназарии муайянро дар ташаккули маҷмуи қоидаҳои марбут ба ҷанбаҳои гуногуни  ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо қайд намоем.

– Аз мушкилоти мазкур бармеояд, ки нақшаҳои амалие мавҷуданд, ки ба нияти қонунгузор ва ё ба талаботи қонунгузорӣ пурра ҷавобгӯ нестанд.

Норасоиҳои номбаршуда, новобаста аз он, ки онҳо ба амалияи ин соҳа таъсир мерасонанд, бояд тавассути корҳои меъёрӣ ва фаҳмондадиҳӣ, инчунин тавассути ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ бартараф карда шаванд. Ҳамин тавр, муаллиф бар ивази консепсияи куҳнаи "Барнома барои МЭҲ" истифода бурдани консепсияи "барномаи компютерӣ"– ро мувофиқи мақсад меҳисобад, зеро он моҳияти объект ва микёсро дақиқ инъикос мекунад. Инчунин пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми мутобиқшавӣ, ҳадафҳои он, инчунин доираи истифодаи имконпазири маҳдудиятҳои ҳуқуқи мустасной дар робита бо зарурати амалисозии барнома мутобиқ карда шаванд.

– Бо назардошти зарурати таъмини рушди иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ҳам аз нуқтаи назари дурнамои рушди қонунгузории ватанӣ муҳим аст. Вобаста ба ин, дар доираи омӯзиши мо таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии марбут ба ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар хориҷа гузаронида шуд, ки дар асоси онҳо хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст. Таҳарруки (Динамикаи) тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки як қатор дигаргуниҳои мусбат дар самти рушди он, аз ҷумла рад кардани истифодаи истилоҳотии кухна, инчунин амиқтар дарк кардани моҳияти барномаҳо ва рад кардани «тафсилоти экзотикӣ» нисбат ба шаклҳои имконпазири пешниҳоди барнома ба амал омадаанд.

– Аз муқаррароти баррасишудаи қонунгузории кишварҳои пешрафта дар соҳаи таҳияи барномаҳо, равиши ҷаҳонӣ барои дарки табиати барномаҳо айният дорад ва ба модели ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳо асос ёфтааст, ҳамзамон хусусиятҳои танзимкунандаи қонунгузории кишварҳои мухталиф ба табиат ё намуди муҳофизат таъсири принсипиалӣ надорад. Ҳамзамон, нақш ва аҳаммияти чораҳои алтернативӣ ва иловагии муҳофизат, аз қабили ҳимоя бо ёрии қонунгузории патентӣ, бақайдгирии давлатӣ ва ғайраҳо, алоҳида қайд карда шуданд. Бо назардошти хусусият ва гуногунии шаклҳо ва усулҳои ҳимояи барномаҳо, ба пиндори муаллиф, барномаҳои компютериро бояд чун объекти бисёрҷанбае фаҳмид, ки қобилияти ҳифзи ҳуқуқиро дар як вақт қодир бошанд, агар қонунҳои амалкунанда дар як давлати мушаххас иҷозат дода бошад.

– Баъзе ташаббусҳои дар хориҷа мавҷудбуда бешубҳа сазовори диққати ҷиддӣ мебошанд ва шояд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, зеро пайравии тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар қонунгузорӣ гарави «ҷудонопазирӣ» –и бозори барномавӣ ва рушди он ба манфиати иқтисодиёт хоҳад буд. Аммо, бояд қайд кард, ки бо вуҷуди баъзе ҷиҳатҳои мусбат, қабули қарорҳои сусту сарсарии шуҳратпарастона (популистӣ) дар аксари маврид ба соҳаи танзим таъсири манфӣ мерасонад. Номутобиқатии ташаббусҳои қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати муназзам ва дурандешонаро тақозо дорад. Беҳтар аст, ки гоҳҳо баъзе чизҳо ногуфта монад ва бо ин роҳ баъзе «минтақаҳои тира» (имрӯз ҳам мавҷуда) – ро тарк кунад ва бозор дар баъзе ҳолатҳо худро мустақилона танзим кунад, назар ба ҷиддияти .зиёдию ғалат дар қонунгузорӣ, ки қодир аст рушди барномаҳои равияҳои ояндадори бозорро муҳосира намояд ва бегумон тараққии иқтисодӣ ва некуаҳволии иштирокдорони бозор, аз ҷумла ба давлат ҳам таъсири манфӣ расонида метавонад.

– Ғайр аз ин, қайд карда шуд, ки ба ҷуз аз модели классикии ҳифз, рушди бозори барномаҳо шумораи кофии шаклҳо ва усулҳои ҳифз ва истифодаи барномаҳои компютериро ба вуҷуд овардааст. Ҳамзамон, ин усулҳо аз рӯйи хусусият ва навгониашон барои чунин объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба мисли барномаи компютерӣ “анъанавӣ” нестанд. Чунин усулҳо иборатанд аз: муҳофизат дар таркиби ҳалли OEM (ҳалли барномавӣ, ки аз ҷониби якчанд барнома ё модулҳои гуногуни дорандагони ҳуқуқи муаллифӣ барои кори муштарак сохта шудааст), маҷмуи дастгоҳи барномавӣ; ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи барнома аз "абр" (облака – яъне бо истифода аз имконоти ҳисоббарорӣ ва иттилоотӣ ба сифати хидмат) ё бо "обуна" (дар ҳолате ки баъзе хидматҳо барои барнома литсензия эҷод мекунанд), инчунин истифодаи иҷозатномаи озод ва кушода, яъне, шартномаҳои литсензионӣ, ки ба истифодабарандагони барнома нисбат ба иҷозатномаҳои анъанавии классикӣ салоҳияти

васеъtарро медиҳад. Ин гурӯҳ ба усули ҳуқуқи муаллифӣ асос мекунад, вале онро бо меъёрҳову вариантҳои махсус амалӣ менамояд ва бо ҳамин фарқ мекунад. Гурӯҳи дувуми шаклҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқӣ усулҳои ба ҳуқуқи муаллифӣ алоқаманд набударо истифода мебарад, яъне маҳз ҳифзи барномаҳои компютерӣ бо истифодаи қонунгузории патентӣ, инчунин ҳифзи барномаҳо чун сирри истеҳсолӣ (ноу–хау) ба кор меравад.

– Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, ҳамгироии онро ба тамоми соҳаҳои ҷомеа нодида гирифта намешавад.

Бинобар ин, механизми равшану возеҳи ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳо ва вазифаҳои гузоштаи давлат мебошад.

Дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнии қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ қатъӣ ворид карда шудааст, ки тибқи он барномаҳои компютерӣ баробари асарҳои адабӣ ҳифз карда мешаванд ва онҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар шартномаҳои байналмилалии баимзорасидаи бисёрҷониба ва дуҷониба ба назар мерасад.

– Таърифи барномаи компютерие, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст ва тибқи он барномаи компютерӣ, маҷмуи маълумот ва фармонҳое фаҳмида мешавад, ки барои кор кардани МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян, аз ҷумла, маводи омодасозии ҳангоми коркарди барнома барои МЭҲ, инчунин намоиши аудиовизуалии аз ҷониби он истеҳсолшударо новобаста аз воситаи муҳофизат (бо ҳуқуқи муаллиф ё василаи дигар) ба вуҷуд омада, моҳияти барномаи компютериро ба пуррагӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқ ифода мекунанд. Пешниҳоди ворид намудани мафҳуми маводи барномавӣ барои МЭҲ ба таърифи қонунгузорӣ мувофиқи мақсад аст, зеро мафҳуми маъмули табиати ҳуқуқии чунин маводро истифода карда, эҳтимолияти ғалат тафсир кардани онро аз байн мебарад.

Қонунгузории аксари давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои ИДМ, дар маҷмуъ, консепсияи ҳифзи барномаҳои компютерӣ бо воситаҳои ҳуқуқи муаллифиро тасдиқ кардааст, ки тибқи он барномаи компютерӣ ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мансуб дониста шуда, баробари асарҳои адабӣ ҳифз мегардад.

Таърифҳои мафҳуми барномаи компютерие, ки дар қонунҳои миллӣ истифода мешаванд, умуман ба таърифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шабеҳанд ва дар бисёр ҳолатҳо чунинанд: барномаи компютерӣ – маҷмуи дастурҳо, маълумотҳо ва фармонҳоест, ки бо мақсади ба даст овардани ягон натиҷа дар МЭҲ истифода мегардад.

Фарқиятҳои асосии таърифҳои барномаи компютерӣ инҳоянд: баъзе давлатҳо мафҳуми барномаи компютериро бо нишон додани шакли муайяни ифодаи он фарогиртар мекунанд;

– қонун на ҳамеша маводҳои тайёриро, ки ҳангоми таҳияи барнома ворид карда шудаанд, ба барномаи компютерӣ мансуб медонад, дар назар дорад;

– на ҳамеша дар таърифи барнома барои МЭҲ ба ҳайси объекти тасвири аудиовизуалӣ, ки аз ҷониби барнома ба вуҷуд оварда шудааст, нишон дода мешавад;

– махзани маълумот бо барнома ҳамгун карда нашудааст.

– Баҳсҳои илмии марбут ба интихоби режими ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ асосан ба зарурати тағйироти куллии воситаҳои ҳифзро талқин намекунанд, балки ба масъалаҳои рафъи мушкилоте, ки дар амалияи татбиқгари ҳуқуқ дар доираи усули тасдиқшудаи ҳуқуқи муаллифӣ ба вуҷуд меоянд ва нокифоя будани ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар чаҳорчӯбаи консепсияи ҳуқуқи муаллифӣ бахшида шудаанд.

Дар раванди таъсис додани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи барномаҳо барои МЭҲ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он, дарки моҳияти ҳуқуқии барномаҳо барои МЭҲ чун объекти муҳофизат ва интихоби воситаҳои ҳифзи ҳуқуқии он фаҳмиши гуногун ташаккул ёфтанд.

– Дар замонҳои гуногун давлатҳои мухталиф воситаҳои ҳимояи ҳуқуқиро ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ, қонунгузории патентӣ, ноу-хау ва қонуни рақобати беинсофона пешниҳод карда буданд. Тибқи консепсияи ҳуқуқи муаллифӣ, барномаҳои компютерӣ чун асарҳои адабӣ ҳифз карда мешаванд. Талаб карда мешуд, ки маҳсулоти пешниҳодшаванда навэҷод бошад, асосан ба шакли зоҳирӣ аҳаммияти бештар дода мешуду мазмуну моҳияти он аз талабот дур мемонд. Яъне, ғояҳову алгоритмҳои ба барнома воридшуда бо ҳуқуқи муаллиф фарогир нест ва ҳифз карда намешаванд. Тибқи консепсияи қонунгузории патентӣ, барномаҳои компютерӣ бояд ҳамчун ихтироъ ҳифз карда шаванд ва мутобиқан, шартҳое мисли навоварӣ ва дараҷаи ихтироъкорӣ заруранд. Тибқи консепсияи ноу–хау, барномаҳои компютерӣ бояд ҳамчун сирри истеҳсолӣ ҳифз карда шаванд. Ин гуна муҳофизат дар давраи таҳияи барнома зурур аст ва пас аз интишори он ғайриимкон мегардад. Таъсири консепсияи ҳифзи барномаҳои компютерӣ ба мисли ноу–хау қисман дар қонунгузории муосири дохилӣ инъикос ёфтааст. Тибқи консепсияи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бо қоидаҳои рақобати беинсофона, дар назар гирифта мешуд, ки ҳуқуқи мустаснои муаллифони барномаҳои компютерӣ дар сурати зимни муомилоти тиҷоратӣ риоя нагардидани принсипи боадолатӣ ҳифз карда шуданаш мумкин аст.

**Ҷиҳатҳои гуногуни хифзи барномаи компютерӣ дар хуқуқи**

**маданӣ** дар асарҳои И.Э. Мафиома, А.Б. Гелба, Л.И. Подшибихин, Э.П. Гаврилов, Р.Б.Бозоров, Ш.М.Исмоилов, Ш.М.Менглиев, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода Ш.К. Ғаюров, Ш.Т. Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С. Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинов, А. Абдуҷалилов, Ахмедҷонов И.Г., У.А. Меликов, Мирбобоева Р.В., Расулов Б.Р., Д.А. Сидиқов, А.П. Сергеев, В.А. Дозортсев, И.А. Близнетс, В.И. Еременко, Ф.В. Широков, Г.В. Виталиев, Ю.Т. Гульбина, Д.В. Огородов, С.О. Расторгуев, А.С. Кондушенко, А.А. Крижановская, К.Б. Леонтьев, Н.А. Шамхалов, С.Н. Биков, И.А. Зенин, И.А. Носова, О.В. Ревинский, Р.И. Ситдикова, В.В. Черячурин, Н.Ю. Моченов, Р.А. Евдокимов ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Диссертатсияи мазкур бо асарҳои болозикр алоқамандӣ дорад. Вале дар он бо услуби хоси таҳқиқот, инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии Тоҷикистон, масъалаҳои нави танзими ҳуқуқи маданӣ ва таҳлили амалӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгуй ба сомон расонида шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

– пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар бахши алоҳида муқаррар гардида, барои такмили минбаъдаи ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи маданӣ равона шудаанд;

– хулоса ва андешаҳои унвонҷуй аз таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ба вуҷуд омада, барои такмили ҳуҷҷатҳои барномавии мақомоти судӣ, прокуратура, мақомоти адлия ва дигар субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ замина мегузоранд;

– хулоса ва андешаҳои унвонҷуй бо амалияи таълимоти ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои илмию омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд буда, барои такмили нақшаҳои таълимӣ, услуби ташкили корҳои илмӣ ва такмили методикаи таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ва курсхои махсус замина мегузоранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

– Аз ҳастии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши дастовардҳои мактабҳои илмии ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ ва таҳлили илмию амалии қонунгузории миллӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар ташаббусҳо ба вуҷуд омадаанд ва дар шароити кишвар татбиқшаванда мебошанд;

– Заминаҳои эмпирикии диссертатсияро маводҳои чопшудаи амалияи Суди Олии ҶТ ва дигар судҳо, амалияи маҳдудсозӣ ва вайроншавии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотию таҳлилӣ ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти

дарачаи илмӣ бо дарачаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасниф мекунад.

Дар мачлиси Шурои диссертатсионӣ аз 10 октябри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон аз 7 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар чаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

10-уми октябри соли 2023